# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 208 с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияе, ки барои баррасӣ пешниҳод гардидааст, ба мавзуи хусусиятҳои этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ бар мабнои маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» бахшида шудааст.

Воқеан, вожагони ҳунарҳои мардумӣ дар баробари яке аз муҳимтарин соҳаҳои вожашиносӣ маҳсуб ёфтан, инчунин, муҳимтарин масъалаи таҳқиқоти этнолингвистикӣ низ ба шумор меравад. Зеро этнолингвистикаи муосир на танҳо ба омӯзишу таҳқиқи мероси маънавию фарҳангӣ машғул мебошад, балки ба пажуҳиши мероси моддӣ ва ба дарки ҷаҳони атроф ба соҳибзабонон ёрӣ мерасонад.

Этнолингвистика – як соҳаи илми забоншиносӣ буда, алоқа ва муносибати байни забон ва хусусиятҳои этникиро меомӯзад. Ин соҳаи забоншиносӣ дар ибтидои асри XX дар Амрико ба вуҷуд омада, донишмандони маъруф Ф. Боас, Б. Уорф ва Э. Сепир аз саромадони ин соҳа маҳсуб меёбанд, ки барои рушду инкишофи этнолингвистика саҳми худро гузоштаанд, аммо ҳамчун фанни таълимӣ дар мактабҳои олӣ дар нимаи дуюми асри XX ба роҳ монда шуда, онро қадами нав дар забоншиносӣ маънидод мекарданд.

Таҳқиқи этнолингвистӣ ин таҳқиқи забон якҷоя бо фарҳангу расму оини ин ё он халқу қавм аст. Яъне этнолингвистика ин забоншиносии қавмист. Этнолингвистика (забоншиносии қавмӣ) ҳамчун як бахши илми забоншиносӣ бо соҳаҳои мардумшиносӣ, шевашиносӣ, фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, лаҳҷашиносӣ, фолклор, мифология ва дигар самтҳои илмҳои гуманитарӣ низ рабт дорад ва дар муайян намудани мафҳумҳои гуногуни марбут ба ҷомеаи этникӣ, этносҳо (қавмҳо), халқият, миллат, гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳии шахс саҳм дошта бошад. Ҳар яке аз ин илмҳо дар алоҳидагӣ омӯхта шаванд ҳам, ҳамчун ҷанбаҳои омӯзиши муҳимми этнолингвистика маҳсуб мешаванд.

Азбаски этнолингвистика як соҳаи миёнрав байни илмҳои забоншиносӣ, мардумшиносӣ ва ҷомеашиносӣ қарор дорад, табиист, ки масъалаҳои таҳқиқи онро боздид аз масоили марбут ба забони инсон, қонунҳои рушди дохили он, сохтори забон, шаклҳои гуногун, вазифа ва омилҳои зуҳуроти забон дар ҷомеа низ ташкил медиҳад. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар этнолингвистикаи муосир мавриди таҳқиқоти ҷиддӣ қарор мегирад, ин таҳқиқи маводҳои фарҳангномаҳо мебошад.

Бо назардошти нукоти зикршуда, мавзуи диссертатсия, нақша, маводи илмию амалии истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо перомуни

таҳқиқи мазкур ба ихтисоси пешниҳодшуда 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот,** пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки дараҷаи омӯзиши масъалаи ҳунарҳои мардумӣ бахше аз мероси моддии соҳибзабонон ба ҳисоб рафта, дар даврахои гуногуни таърихӣ ташаккул ва таҳаввул ёфтаанд ва таҳлили вожагони марбут ба ҳунарҳои мардумӣ яке аз ҷанбаҳои басо муҳимми этнолингвистика ба ҳисоб меравад. Қисмате аз ҳунарҳои мардумӣ, ки дар гузашта истифода мешуданд, имрӯз низ мустаъмаланд ва мардум аз онҳо васеъ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани натиҷа таҳлилу баррасии масъалаи мазкур бар мабнои таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ») мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он бозтоб меёбад, ки дар илми забоншиносии тоҷик ва махсусан, дар соҳаи этнолингвистика бори нахуст вожагони ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ дар асоси моддаҳои луғавии фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» аз назари этнолингвистӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Илова бар ин, дар кори диссертатсионии мавриди назар тавассути таҳлили этнолингвистии моддаҳои луғавӣ муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёту рӯзгори ниёгон ва урфу одату фарҳанги онҳо муқаррар карда мешавад. Ҳамзамон, бори нахуст таҳлили маъноии вожаҳои марбут ба ҳунарҳои мардумӣ дар муқоиса бо замони муосир ва мавриди корбурд қарор гирифтани онҳо дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин, таҳлилу баррасии хусусиятҳои этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ бар асоси фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» **навгонии илмии таҳқиқот** ва саҳми арзишманди диссертант маҳсуб меёбанд.

Бояд қайд кард, ки **нуктаҳои асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда**, ки дар тавсифи умумии хусусиятҳои этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ номбар шудаанд, дар диссертатсия ҳаллу фасл гардидаанд.

Диссертант Буриева Ш.Б. барои анҷоми кори илмии худ **аз усулҳои** таҳлили тасвирӣ-синхронӣ ва этнолингвистӣ истифода кардааст. Инчунин, ҷиҳати муайян намудани хусусиятҳои маъноӣ ва манобеи ташаккули лексикаи ҳунарҳои мардумӣ аз таҳлили муқоисавӣ ва барои равшан шудани масоили мавриди таҳқиқ аз методҳои шарҳу тафсир низ истифода намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** ба густурдагии ҳаҷми маводи таҳқиқ, эътимоднокии манбаъҳои таҳқиқу маълумоти пешкашгардида, инчунин, аз диди забоншиносӣ таҳлилу баррасии маводи таҳқиқ вобастагӣ дорад. Хулосаи кори диссертатсионӣ дар 16 банд инъикос ёфта, нисбат ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 8 тавсия пешниҳод шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишондоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва

иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия, аз нигоҳи мо, дар он зоҳир мегардад, ки роҷеъ ба хусусиятҳои этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ дар мабнои маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» барои корҳои пажуҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии қавмӣ ва лексикология мусоидат мекунад. Натиҷаи таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самтҳои забоншиносӣ метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии ин самтҳо хидмат намоянд.

Диссертатсияи анҷомёфта, дар баробари омӯзиши хусусиятҳои этнолингвистӣ, инчунин вижагиҳои этнофарҳангии ҳунарҳои мардумиро ифода намуда, умумияту фарқияти онҳоро муайян намудааст. Бар замми ин, таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун равияи нав дар омӯзиши этнолингвистикаи тоҷик хизмат намуда, барои пешбурди таҳқиқоти ҷанбаҳои этнолингвистии фарҳангномаҳи тафсирӣ мусоидат намояд.

**Аҳаммияти дигари илмии диссертатсия** аз он иборат аст, ки ба воситаи омӯзишу таҳқиқи ҷанбаҳои этнолингвистии фарҳангномаҳо вижагиҳои луғавӣ ва маъноии маводҳои луғавӣ муайян гардида, хулосаҳои илмии онро метавон дар таълифи китобҳои забоншиносии қавмӣ, инчунин, дар таҳияи луғатномаҳои тафсирӣ ва фразеологӣ, зимни гузаронидани курсҳо ва семинарҳои махсус доир ба лексика ва, махсусан луғатнигорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода намуд.

**Бахшҳои асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти илмӣ, сарчашмаҳо ва замима иборат мебошад.

Дар умум, забони диссертатсия илмию далелнок буда, мушоҳидаҳои муҳаққиқ бо далелу мисолҳои возеҳ асоснок карда шудаанд. Таносуби бобҳову фаслҳо дар сохтори диссертатсия хеле хуб риоя шуда, мундариҷаи онҳо бо мазмуни мавзуи таҳқиқшаванда комилан мувофиқ мебошанд.

**Дар муқаддима** диссертант вобаста ба талабот ба ҳамаи қисматҳои диссертатсия, яъне мубрамии диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, маҳалли таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳаммияти назариявии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумоти асосиро ворид кардааст, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии ҷанбаҳои этнолингвистии фарҳангномаҳои тоҷикӣ (форсӣ)»** ном дошта, аз ду фасл ва ду зерфасл мураттаб шудааст. Дар ин боб масоили мубрами марбут ба асосҳои назариявии таҳқиқоти этнолингвистӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Фасли якуми боби мазкур «Этнолингвистика дар тафсири забоншиносон» унвон дошта, диссертант қайд мекунад, ки этнолингвистика маҷмуи муносибати забон ба фарҳанг маҳсуб ёфта, таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалии муҳаққиқони барҷаста дар ин самт ҳамчун як маводи илмӣ барои минбаъда кумак хоҳад расонд.

Фасли дуюм «Фарҳангномаҳо ҳамчун сарчашмаи асосии таҳқиқоти этнолингвистика» ном дошта, доир ба фарҳангномаҳо ва мавқеи онҳо ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти этнолингвистӣ сухан меравад. Дар фарҳангномаҳо ҷанбаҳои этнолингвистӣ ҳангоми ифодаи моддаҳои луғавӣ дар чорчӯбаи муайяншуда тавсиф карда шудааст. Чунончи, донишмандони маъруфи аврупоӣ ва рус В. фон Гумболдт, Г. Э. Сепир, Б. Уорф, Ф. И. Буслаев, А. А. Минаев, А. А. Потебня, В. А. Звингенцев, В. М. Алпатов, Н. И. Толстой, С. М. Толстая, В. Н. Топоров, Л. Н. Виноградова, А. В. Гур, Б. Серебренников, А. Ф. Журавлев, Вяч. Вс. Иванов, М. М. Копиленко, А. С. Герд, Е. В. Перехвалская, А. А. Плотникова, З. Д. Попова, И. А. Стернин аз саромадони ин соҳа маҳсуб ёфта, таълифи луғатномаҳои фарҳангӣ ё этнолингвистиро ҳамчун навгонӣ дар илми забоншиносӣ маҳсуб медонанд ва дар ин самт муваффақиятҳои зиёде ба даст овардананд.

Ба андешаи муҳаққиқ метавон розӣ шуд, ки тамоми фарҳангномаҳо, новобаста аз хусусиятҳои таълифашон, ҳамчун «оинаи тасвири забони миллӣ» хизмат менамоянд. Аммо фарҳангномаҳое, ки бо равишҳои этнолингвистӣ таълиф мегарданд, беҳтарин инъикоскунандаи фарҳангу урфу одат ва расму анъанаҳои мардум мебошанд.

Зерфасли якуми фасли дуюм «Маълумот доир ба фарҳангномаҳои дорои хусусиятҳои этнолингвистии тоҷику форс» унвон гирифта, аз ҷониби диссертант доир ба фарҳангномаҳои классикии тоҷику форс, ки дар таърихи забоншиносии тоҷик нақши муҳимро ба ҷо оварда, инъикоскунандаи расму анъанаҳои миллии миллати тоҷик ба шумор меравaнд, муайян шудааст.

Дар зерфасли дуюми фасли мазкур «Фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» – манбаи асосии таҳқиқоти этнолингвистика дар забоншиносии тоҷик» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ бар он аст, ки таълифи фарҳанги «Бурҳони қотеъ» ба асри XVII рост омада, дар баробари дигар фарҳангномаҳо он ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти этнолингвистика ба шумор меравад. Мураттиби он Муҳаммадҳусайни Бурҳон яке аз луғатшиносони бузурги адабиёти тоҷику форс буда, ин асари пурарзишу гаронбаҳояшро барои тозагӣ ва рушди забони адабии тоҷикӣ дар заминаи таҷрибаи олимони пешин иншо намудааст. Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» калимаҳо аз забони форсӣ, паҳлавӣ, дарӣ, юнонӣ, суриёнӣ, румӣ, арабӣ, туркӣ ва ғайра ҷамъоварӣ шуда, мавриди таҳлили муаллиф қарор гирифтааст.

Луғату фарҳангномаҳо, ки дар он калимаҳо аз забону лаҳҷа ва шеваҳои гузаштагонамон маҳфуз мондаанд, инъикосгари вожагони марбут ба самтҳои гуногуни рӯзгори онҳо мебошанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиёти луғавӣ-семантикии истилоҳоти этнолингвистии марбут ба ҳунарҳои бофандагӣ, ресандагӣ ва дӯзандагӣ дар**

**«Бурҳони қотеъ»** номгузорӣ шуда, аз се фасл ва сӣ зерфасл иборат мебошад.

Фасли аввал **«Вожагони бофандагӣ»** номгузорӣ шудааст, таҳқиқи вожаҳо ва истилоҳоти соҳаи бофандагӣ, таркиббандии онҳо ва масъалаҳои марбут ба ин соҳа мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Вожагони бофандагиро диссертант дар навбати худ ба гурӯҳҳо ё зерфаслҳо тақсим намудааст.

Фасли дуюми боби дуюм «**Вожагони ресандагӣ**» ном дошта, дар он вожаҳои ҳунари ресандагӣ аз рӯйи моҳияташон ба қисматҳои зерин, аз қабили «Вожаҳои марбут ба масолеҳи соҳаи ресандагӣ», «Абзори ресандагӣ ва қисматҳои он», «Вожаҳои ифодакунандаи моводи тайёри ресандагӣ», «Вожаҳое, ки амал ё ҳолати корро ифода мекунанд» гурӯҳбандӣ шуда, таҳлил шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили этнолингвистии луғот ва истилоҳоти ҳунари пазандагӣ дар «Бурҳони қотеъ»»** ном дорад ва аз як фасл ва 14 зерфасл иборат мебошад.

Фасли аввали боби сеюм «Вожагони пазандагӣ» ном дорад. Ба қавли муаллифи диссертатсия дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» дар радифи тафсири вожаҳои гуногун вожаву истилоҳоти марбут ба ҳунари пазандагӣ, аз қабили хӯрокпазӣ, нонпазӣ, тарзи тайёр намудани намудҳои гуногуни ҳалво, омода намудани хӯриш ва ғайра мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Муаллифи диссертатсия илова мекунад, ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ калимаҳои хоси пазандагӣ, аз ҷумла, таом, хӯрок, ғизо, авқот (шакли тахфифшудаи ақвот) бештар мавриди истифода қарор доранд. Дар истилоҳоти пазандагӣ калимаҳои «таом, хӯрок ва авқот» тавассути ҷузъи «пазӣ» ва калимаи «ғизо» бо таркибҳои «омода намудан» ва «тайёр намудан» сохта мешаванд.

Зерфасли якуми боби сеюм «Номи соҳаҳои пазандагӣ ва навъи амали ҳунармандони соҳаи мазкур» ном дорад ва мувофиқи таҳқиқи муҳаққиқ шахсоне, ки ба пазандагӣ машғуланд, вобаста ба соҳаи худ дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» номгузорӣ шудаанд. Масалан, шахсе, ки ба пухтани таом машғул аст, **холгар**, шахси пазандаи нонро **нонпаз**, таомқисматкунандаро **чошнигир** меноманд, ки онҳо хоси забони тоҷикӣ мебошанд.

Дар зерфасли дуюми боби мазкур «Вожагони марбут ба масолеҳи хоми соҳаи пазандагӣ» таваҷҷуҳи асосӣ ба маҳсулоте, ки барои тайёр намудани намудҳои гуногуни хӯрок ё дигар намуди пухтупаз зарур мебошад, равона шудааст. Зерфасли мазкур дар навбати худ боз ба қисматҳо тақсим шуда, вожагони марбут ба ин соҳа шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Дар хулоса натиҷагириҳои кор дар 16 банд ҷамъбаст шудааст.

**Рӯйхати адабиёти илмӣ**, сарчашмаҳо ва манбаъҳои дигари таҳқиқи мавриди назар аз жарфнои дониши илмии диссертант дарак медиҳанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки масъалаҳои аз тарафи диссертант гузошташуда ва дар ин замина натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ асосҳои этнолингвистии омӯзиши лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ бар асоси маводи «Бурҳони қотеъ»-ро пурра инъкос намуда, боиси тавсиф мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 10 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, дарҷ ёфтааст. Миқдори маводи нашрнамудаи диссертант ба талаботи банди 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна муқарраротi асосӣ ва хулосаҳои назариявии рисоларо инъикос намуда, ба тамоми талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Муҳаққиқ мавзуъро ба таври дақиқ таҳлил намуда, маводи фаровони илмиро баррасӣ карда, пажуҳиши онро ҳам ба таври назарӣ ва ҳам ба таври амалӣ муваффақона анҷом додаст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашркардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Новобаста аз муваффақиятҳои бадастомада, дар рисола бархе нуқсону камбудиҳо низ ба назар расид, ки рафъи онҳо дар оянда ҳангоми таҳқиқ ва баррасии васеи ин мавзуъ аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

1. Дар саҳифаи 31-32, боби 1, зерфасли 2, ки «Маълумот доир ба фарҳангномаҳои дорои хусусиятҳои этнолингвистии тоҷику форс» ном дорад, муҳаққиқ дар бораи фарҳангномаҳои классикии тоҷику форс ва дар таърихи забоншиносии тоҷик нақши муҳим доштанашон маълумот медиҳад. Хеле дуруст қайд мекунад, ки тавассути ин фарҳангҳо мо метавонем аз ҷанбаҳои фарҳангӣ ва забонӣ хубтар огаҳӣ пайдо намоем. Муҳаққиқ дар бораи луғату фарҳангномаҳое, ки дар тули асрҳои 10-20 нашр шудаанду ҷанбаҳои этнолингвистӣ доранд, низ маълумот медиҳад. Инчунин, дар бораи асари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат-ҳастии миллат дар бобати таълифи фарҳангномаҳо дар замони ҳукумати Темуриёни Ҳинд (асрҳои 16-19) ёдовар мешавад. Хеле бамаврид мебуд, агар дар бораи фасли 5-уми ҳамин асар, яъне «Забони миллат-ҳастии миллат», ки «Фарҳангнигорӣ дар Ҳинд» ном дорад, муфассалтар маълумот медод.
2. Дар ҷо-ҷойи кор муқоисаи истилоҳоти муосири соҳаҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ бо вожаҳои қадимӣ дода шудааст. Хуб мешуд, агар диссертант тамоми истилоҳоти муосири соҳаҳои мазкурро дар муқоиса бо моддаҳои луғавӣ шарҳ медод. Чунончи, дар саҳифаи 40 ҳангоми шарҳи вожаи **лаваш** (чапотӣ (*дар ҷануб*), **лочира** (*дар шимол*)), с.65 вожаи **пуд** (тору пуд (дар шеваи марказӣ ва болооби Зарафшон), с. 72 вожаи **челак** (**яктаҳ** дар забони муосири тоҷикӣ), с. 74 вожаи **нимча** (дар забони

гуфтугӯӣ), с. 75 вожаи **остин** (дар забони муосири тоҷикӣ), с. 78 (дар бораи навъи дигари ҷомаи аз пашм бофидашуда **чакман),** с. 79 вожаи ***катон*** , с. 111 вожаи ***дарбеҳ,*** с. 115 вожаи ***маҳсӣ/ масҳӣ***, дар с. 132 калимаи ***дарза***, дар с. 135 вожаи **лачак** маълумоти муфассал медод, беҳтар мешуд.

3. Баромади вожаҳои марбут ба соҳаҳои мавриди назар қарор дода таҳлил нашудаанд.
4. Дар автореферат ва диссертатсия баъзе камбудиҳои техникӣ низ ба назар мерасанд.
5. Агар миқдори вожаҳою истилоҳоти соҳаҳои мавриди таҳқиқ ба таври оморӣ нишон дода мешуданд, натиҷаи кор равшантар ба назар мерасид.

Ҳамин тавр, таҳлилу баррасии диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна таҳти унвони «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» ба мо имкон дод ба хулосае биоем, ки диссертатсия ба талаботи “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
методикаи таълими забон ва адабиёти
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ **Бобомуродова Маҳбуба Умриевна**

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121, Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
E-mail: bobomurodova_m_u@mail.ru
Тел.: (+992) 935353001

Имзои дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ М. Бобомуродоваро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

«13» январи соли 2025